# Ҳар кӣ аз шумо кори зишт ва норавоеро дид, пас бояд онро бо дасташ бартараф созад, агар натавонад бо забонаш онро инкор кунад ва агар натавонад пас бо дилаш, ки он (инкор кардани бо дил) зинаи заъифтарини имон аст

Аз Абусаиди Худрӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегуфт: "Ҳар кӣ аз шумо кори зишт ва норавоеро дид, пас бояд онро бо дасташ бартараф созад, агар натавонад бо забонаш онро инкор кунад ва агар натавонад пас бо дилаш, ки он (инкор кардани бо дил) зинаи заъифтарини имон аст".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар Ӯ бод) ба бартараф кардани кори зишт ва нораво, ба андозаи тавон, дастур додаанд, ки он иборат аст аз ҳар чизе, ки Худованд ва паёмбараш наҳй фармудаанд. Шахси мусалмон вақте кори зишт ва норавоеро мебинад, бояд ба қадри тавон онро тағйир диҳад. Агар аз бо даст тағйир додани он оҷиз бошад, пас бо забон онро манъ кунад, ӯро аз паёмад ва зарарҳои мункарот огаҳ сохта дар ивази он ҳарчи барои банда барояш дар он хайр аст, ҳидоят фармояд. Пас агар аз боздоштани он бо забон ҳам оҷиз омад, онро бо дилаш инкор кунад, ба гунае, ки агар қудрат ва тавони тағйир ва ё боздоштани аз онро медошт, ба таври ҳатмӣ онро анҷом медод. Тағйир ё худ инкор кардани мункар бо дил заъифтарин мартабаи имон дар тағйир додани кори зишту нораво аст.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65001